**ҲИФЗИ ОБЪЕКТҲОИ МОЛИКИЯТИ САНОАТӢ**

**I. ПАТЕНТҲО БА ИХТИРОҲО**

1. ҚОНУНГУЗОРӢ

Дастури Муваққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ихтироот, моделҳои судманд ва намунаҳои саноатӣ, ки 2 феврали соли 1994 тасдиқ карда шудааст.

2. ИШТИРОК ДАР СОЗИШНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

- Созишномаи Париж, аз 14 феврали соли 1994.
-Шартнома оиди Кооперацияи патентӣ, аз 14 феврали 1994
-Аҳдномаи Страсбург оиди Синфбандии Байналхалқии Патентӣ аз 24 матри соли 1971.

3. ДОДАНИ АРЗНОМА

Арзномадеҳ: шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ. Арзномадеҳони хориҷӣ: бояд намояндаи патентиро таъин кунанд (Дастури Муваққатӣ оиди намояндагони патентӣ, фармони № 73 Вазорати иқтисод аз 30 маи соли 1996); ҳуқуқҳои баробарро бо арзномадеҳони миллӣ доранд. Патентҳо дода мешаванд ба: сохтор, тарзҳо. моддаҳо, штаммҳои микроорганизмҳо, парвардаҳои ҳуҷайраҳои растаниҳо ва ҷонварон, аз рӯи таъиноти нав истифодабарии сохтор, моддаҳо, штаммҳои пештараи маълум буда. Қобилияти патентнокӣ: ҳалли техникӣ ихтироъ ба ҳисоб меравад, агар он нав бошад, дараҷаи ихтироъкорӣ дошта бошад ва дар саноат истифода бурда шавад. Навоварӣ: ҷаҳонӣ. Давраи имтиёзии навоварӣ: 6 моҳ (барои ихтироъкор). Ихтироҳои қобилияти патентнокӣ дошта ба ҳисоб намеравад: назарияиҳои илмӣ ва методҳои математикӣ, методҳои ташкил ва идоракунии хоҷагидорӣ, аломатҳои шартӣ, ҷадвалҳо, қоидаҳо ва методҳои иҷрои амалиёти фикрӣ, алгоритмҳо ва барномаҳо барои мошинҳои ҳисоббарор, нақшаҳо ва схемаҳои планкашии иншоот, биноҳо, маҳалҳо, пешниҳодҳо, ки фақат ба намуди берунии сохтаҳо дахл дошта, ба қонеъ намудани истеъмоли эстетикӣ равона карда шудаанд, топологияиҳои схемаҳои интегралӣ, навъҳои растаниҳо ва насли ҷонварон, пешниҳодҳое, ки зидди ақидаҳои ҷамъиятӣ маърифатӣ, одамгарӣ ва ахлоқу одоб ҳастанд. Ягонагии ихтироъ: ариза ба ихтироъ бояд фақат ба як ихтироъ ва ё маҷмӯи ихтироҳо, ки концепцияи ягонагии ихтирокориро ташкил медиҳанд, дахл дошта бошад. Аввалият: аз рузи ба Идора ворид шудан.. Аввалияти созишномав: мувофиқи Созишномаи Париж, дар муддати 12 моҳ. Дароз намудани мӯҳлати аввалияти созишномавӣ: метавонад аз рӯи сабабҳои асоснок боз ду моҳ дароз карда шавад, агар аризаи аввалияти созишномавӣ дархостшуда дар муддати 12 моҳ дода нашуда бошад. Дар сарзамин паҳн карда мешавад: Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ (ба намояндаи патентӣ барои пешниҳоди арзнома фиристода мешаванд):

1. Арзнома

2. Тавсифи ихтироъ, формулаи ихтироъ ва реферат (ба забони тоҷикӣ ҳфорсӣ] ва ё русӣ пешниҳод карда мешавад.
3. Нақшаҳо.
4. Ҳуҷҷатҳо оиди аввалият, агар он арз шуда бошад, бояд дар муддати се моҳ аз рӯзи додани ариза пешниҳод шуда бошад.
5. Боваринома, (тасдиқи нотариалӣ талаб карда намешавад).
1. Ҳуҷҷат дар бораи пардохи боҷ

Марҳалаи миллии аризаи PCT: бояд дар муддати 21 моҳ (Боби I) ва ё 31 моҳ (Боби II) пешниҳод карда шавад.

## 4. ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

Санҷиш: санҷиши расмӣ ва санҷиши моҳиятӣ. Санҷиши расмӣ: дар муддати ду моҳ баъди таърихи рӯзи пешниҳоди ариза гузаронида шуда аз тафтиши талаботи расмӣ иборат аст. Баъди санҷиши расмӣ Идораи патентӣ оиди натиҷаи мусбии санҷиши расмӣ ва ё надодани патент қарор мебарорад. Аз болои қарори манфӣ арзномадеҳ дар муддати ду моҳ метавонад ба Шӯрои эътирозии Идораи патентӣ шикоят кунад. Нашри ариза: таърихи рӯзи ариза якҷоя бо формулаи ихтироъ баъди ба охир расидани санҷиши расмӣ дар Хабарномаи расмии патентӣ дар муддати 18 моҳ аз рӯзи додани ариза, нашр карда мешавад. Санҷиши моҳиятӣ: ба қобилияти патентнокии ариза аз рӯи дархости арзномадеҳ ва ё шахсони сеюм, ки метавонанд дар муддати 3 сол аз рӯзи додани ариза пешниҳод кунанд, гузаронида мешавад. Агар дархост дода нашуда бошад дар ин вақт ариза бозхост ҳисобида мешавад.Тағйири ариза: тағйир ва ислоҳи материалҳои аризаро ба Идораи Патентӣ дар муддати 2 моҳ аз рӯзи додани ариза, ва ё дар давраи гузаронидани санҷиши расмӣ ва санҷиши моҳиятӣ пешниҳод кардан мумкин аст; материалҳое, ки моҳияти ихтироъро васеъ мекунанд ва тағйир медиҳад қабул карда намешаванд. Аризаи ба патент ҷудо кардашуда: Дар марҳалаи санҷиши расмӣ ва ё санҷиш аз рӯи моҳият додан мумкин аст, агар талаботи ягонагии ихтироот иҷро нашуда бошад ва аввалияти аризаи асосиро медорад нигоҳ дошта мешавад, агар он дар мӯҳлати муқараршуда дода шуда бошад. Ариза ба ихтироъ мумкин аст ба ариза ба модели судманд табдил дода шавад

## 5. ДОДАНИ ПАТЕНТҲО

Қарор оиди додани патент: баъд аз гузаронидани санҷиши пурра қабул карда мешавад, агар талаботи қобилияти  патентнокӣ иҷро шуда бошад. Аз болои қарори манфӣ арзномадеҳ метавонад ба Шӯрои эътирозии Идораи Патентӣ дар муддати ду моҳ эътироз кунад. Нашркунӣ: баъд аз 6 моҳ баъди қарор оиди додани маълумот, дар Хабарномаи расмии патентӣ баъд аз пардохти андоз нашр карда мешавад. Мӯҳлати эътибори патент: патент ба муддати 20 сол аз рӯзи додани ариза эътибор дорад.

## 6. ТАҒЙИРИ ҲИМОЯ БАЪД АЗ ДОДАНИ ПАТЕНТ

Эътироз: эътироз ва дархост ба беэътибор донистани патент ба муддати ҳамаи мӯҳлати эътибори патент дода мешавад. Лицензия: бояд ба қайд гирифта шавад. Лицензияи маҷбурӣ: дар ҳолати дар муддати шаш моҳи истифода набурдан баъд аз додани патент, пешниҳод карда мешавад. Лицензияи расмӣ: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ҷамъиятии мухим буданаш дода мешавад. Азнавгузашткунӣ: бояд дар Идораи Патентӣ ба қайд гирифта шавад. Вайронкунии патент: ҷазо пешбинӣ карда мешавад.

## II. ПАТЕНТҲОИ ЕВРООСИЕГӢ БАРОИ ИХТИРОЪҲО

1. ҲУҶҶАТҲОИ НОРМАТИВӢ

- Созишномаи патентии евроосиёгӣ
- Дастури маъмурӣ
- Дастури молиявӣ
- Дастури патентӣ

2.ТАТБИҚИ ШАРТНОМА ДАР БОРАИ ҲАМКОРИИ ПАТЕНТӢ

Шартнома дар бораи ҳамкории патентӣ ва Дастури он дар доираи системаи патентии евросиёгӣ татбиқ карда мешаванд.

3. ПЕШНИҲОДИ АРЗНОМАҲО

Ҳуқуқ ба патенти евроосиёгӣ ба ихтироъкор ва ё вориси қонунии ӯ тааллуқ дорад.
Арзномаи евроосиёгӣ дода шуданаш мумкин аст:
-ба Идораи евроосиёгӣ воситаи Идораи миллии давлати созишномаро имзо намуда.

Патентҳо дода мешаванд ба: сохтор, тарз, модда, штамми микроорганизм, ҳуҷайраҳои растаниҳо ва ҷонварон, инчунин ба татбиқи онҳо.
Патентарзандагӣ: ҳалли техникӣ ихтироъ ҳисобида мешавад, агар он нав , дараҷаи ихтироъкорӣ дошта ва дар саноат татбиқшаванда бошад.
Навигарӣ: ҷаҳонӣ.
Ягонагии ихтироъ: арзнома ба ихтироъ бояд танҳо ба як ихтироъ ва ё гурӯҳи ихтироъҳо, ки ғояи ягонаи ихтироъкориро доранд, дахл дошта бошад.
Аввалият: ҳуқуқи аввалият мувофиқи Созишномаи Париж оиди нигаҳбонии моликияти саноатӣ эътироф карда мешавад.

Ҳуҷҷати зарурӣ барои пешниҳоди арзнома:

1. Ариза дар бораи додани патенти евроосиёгӣ.
2. Баённомаи ихтироъ.
3. Формулаи ихтироъ
4. Реферат.
5. Нақшаҳо.
6. Боваринома.
7. Ҳуҷҷати пардохтани боҷи ягонаи корбариро тасдиққкунанда.

4. ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

Санҷиш:Идораи миллӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Созишнома ва дастури патентӣ барои санҷиши арзномаи евроосиёгӣ аз рӯи аломатҳои рӯякӣ мувофиқ будани арзномаи пешниҳодшударо тафтиш менамояд. Арзнома, дар сурати ба талаботи зикршуда мувофиқ будан ба Идораи евроосиёгӣ барои коргузории минбаъда фиристода мешавад. Идораи евроосиёгӣ ба талаботи рӯякии Созишнома ва Дастури патентӣ мувофиқ будани арзномаро тафтиш мекунад.
Нашри арзнома: арзномаи евроосиёгӣ якҷоя бо ҳисобот дар бораи пажӯҳиши хабарӣ баъди гузаштани 18 моҳ аз рӯзи пешниҳоди он (аз рӯзи аввалият) нашр карда мешавад.
Санҷиши моҳиятӣ: аз рӯи дархости арзномадеҳ, ки бояд баъди гузаштани 6 моҳ аз рӯзи нашри ҳисобот дар бораи пажӯҳиши хабарӣ дода шавад, гузаронида мешавад.

## 5. ДОДАНИ ПАТЕНТҲО:

Қарор дар бораи додани патент: аз номи Идораи патентии евроосиёгӣ аз ҷониби ҳайатҳои ҳар кадомаш иборат аз се санҷишгар, ки шаҳрвандони давлатҳои гуногуни шартномаро имзо намуда мебошанд, қабул карда мешавад.
Арзномадеҳ метавонад аз  болои қарори манфӣ шикоят намояд.
Арзномадеҳ баробари хабарномаи Идораи евроосиёгӣро дар бораи радди додани патент гирифтанаш, метавонад ба Идораи евроосиёгӣ дархостро бо нишон додани давлатҳои шартномаро имзо намуда, ки ӯ дар онҳо мехохад мувофиқи корбарии миллӣ патент гирад,  пешниҳод намояд.
Нашр: дар давоми шаш моҳи баъди рӯзи дар Феҳристи ихтироъҳои евроосиёгӣ ба қайд гирифта шудани ихтироъ.
Мӯҳлати амали патенти Евроосиё: 20 сол баъди рӯзи пешниҳоди арзномаи евроосиёгӣ.

Патенти евроосиёгӣ дар ҳудуди тамоми давлатҳои созишномаро имзо намуда, ки онҳоро дорандаи патент нишон додааст, амал мекунад.

## 6. ТАҒЙИРОТ ДАР НИГАҲБОНӢ БАЪДИ ДОДАНИ ПАТЕНТ

Патенти евроосиёгӣ дар давоми тамоми мӯҳлати амалаш пурра ва ё қисман беэътибор пиндошта шуданаш мумкин аст.
Лицензия: ҳуқуқ ба патенти евроосиёгӣ мувофиқи қонунгузори миллии давлатҳои созишномаро имзо намуда дода шуданаш мумкин аст.
Вайрон кардани патент: ҷазодиҳӣ пешбинӣ карда шудааст.

## 7.БОҶҲО.

Барои нигоҳ доштани нерӯмандии эътибори патенти евроосиёгӣ нисбати ҳар кадом давлати созишномаро имзо намуда боҷҳои ҳарсола пардохта мешаванд.

Дар давлати муайяни созишномаро имзо намуда эътибор доштани патенти евроосиёгӣ ва ё вайрон карда шудани патенти евроосиёгиро дар давлати муайяни созишномаро имзо намуда  додгоҳҳои миллӣ ва ё органҳои дигари салоҳиятдори ин давлат ҳалл мекунанд. Қарор танҳо дар қаламрави давлати созишномаро имзо намуда эътибор дорад.

## III. МОДЕЛҲОИ СУДМАНД

Дар Дастури Муваққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳо оиди моделҳои судманд дохил карда шудаанд. Санҷиш: фақат санҷиши расмӣ. Муддат: 5 сол аз рӯзи додани ариза. Дарозкунии мӯҳлати эътибор: на бештар аз 3 сол аз рӯи дархости дорандаи патент. Табдилдиҳӣ ба патент: ариза ба моделҳои судмандро ба ариза ба ихтироот то қабули қарори он оиди додани шаҳодатнома табдил додан мумкин аст.

## IV НИШОНҲОИ МОЛӢ ВА НИШОНҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ

1. ҚОНУНГУЗОРӢ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди нишонҳои молӣ, нишонҳои хизматрасонӣ, ки 23 декабри соли 1991 қабул карда шудааст.

2. ИШТИРОК ДАР МУОҲИДАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

- Созишномаи Париж, 14 феврали соли 1994
- Шартномаи Мадрид аз 14 феврали соли 1994.
- Шартномаи Нисса аз 14 феврали соли 1994.
- Шартномаи Найроб оиди нигаҳбонии нишонҳои олимпӣ аз 14 феврали соли 1994

3.ДОДАНИ АРИЗА

Арзномадеҳ: шахсони вокеӣ ва ҳақиқӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул ҳастанд: Арзномадеҳони хориҷӣ: бояд намояндаи патентиро таъин кунанд (Низомномаи Муваққатӣ оиди Намояндагони патентӣ, фармони № 73 Вазорати Иқтисод 30 маи соли 1996): ҳуқуқҳои баробарро бо арзномадеҳони миллӣ доранд. Намуди нишон: вожавӣ, тасвирӣ ва ё маҷмӯи онҳо, нишонҳои ҳаҷмӣ, нишонҳои коллективӣ. Ба сифати нишони молӣ ба қайд гирифта намешавад: Нишон, парчам ва эмблемаҳои давлатӣ, номҳои нопурра ва ё пурраи ташкилоти байналхалқӣ ва байниҳукуматӣ; тамғаҳои расмӣ, тафтишӣ, кафолатӣ ва маҳакӣ, мӯҳрҳо, ифтихорнома ва дигар нишонҳои фарққунанда, ки бо онҳо то дараҷаи омехташавӣ монанд ҳастанд; аломатҳое, ки қобилияти фарққунандагӣ надошта, аломату истилоҳоти қабули умум ба ҳисоб мераванд; нишондиҳанда ба намуд, сифат, хосият, таъинот, арзиши молҳо, инчунин ба ҷой ва вақти истеҳсол ва фурӯши онҳо; қалбакӣ буда ва ё қобили ба иштибоҳ андохтани истеъмолкунанда нисбати мол ва ё созандаи он; аз рӯи мундариҷаи худ зидди манфиатҳои ҷамъиятӣ, қоидаҳои одамгарӣ ва одобу ахлоқ мебошанд; нишонхое ба қайд гирифта намешавад, ки ба  нишонҳои пештар ба қайдгирифташуда ва е зери таъсири шартномаҳои байналхалқӣ нисбати молҳои якхела ба номи шахсони дигар барои бақайдгирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзшуда, монанданд; номҳои асарҳои машҳури илмӣ, адабиёт ва санъат, фамилия, номҳо, тахаллус ва аз онҳо сохта, суратҳо ва факсимелеҳо (бе розигии органхои дахлдор ва ё доранда), аломатҳои олимпӣ. Аввалият: созишномавӣ аз таърихи рӯзи додани ариза. Синфбандӣ: синфбандӣ (СБНХ). Қаламрави  паҳн карда шуда: Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ

1. Арзнома
2. Аломати арзшуда (25 нусха., дар ҳаҷми 5х5х12 см).
3. Номгӯи молҳо ва хизматҳои аз рӯи СБНХ ҷамъ кардашуда, як ариза метавонад молҳои аз як Синфбандии Байналхалқӣ зиёда аз як Синфи Байналхалкиро дар бар гирад (бо тарҷума ба забони тоҷикӣ ҳфорсӣ] ва ё забони русӣ).
4. Ҳуҷҷатҳои оиди аввалият, агар он арз шуда бошад (бояд дар муддати се моҳ аз рӯзи додани ариза дода шуда бошанд).
5. Барои нишони коллективӣ: оинномаи нишони коллективӣ.
6. Бовариномма, ( тасдиқи нотариалӣ талаб карда намешавад).
7. Ҳуҷҷатҳо оиди пардохти боҷ

## 4. ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

Санҷиш: пешакӣ ва пурра. Санҷиши пешакӣ: дар муддати як моҳ аз рӯзи додани ариза гузаронида шуда, тафтиши талаботи расмӣ ва қабули қарори дахлдорро дар бар мегирад. Аз рӯи қарори манфӣ арзномадеҳ метавонад дар муддати ду моҳ баъд аз гирифтани қарор, эътироз намояд. Санҷиши пурра: тафтиши аломати арзшудаи дахлдорро мувофиқи талаботи қонун дар бар мегирад.Ислоҳ ва илова намудан ба ариза: илова ва ислоҳи расмиро дар муддати ду моҳ аз рӯзи додани ариза пешниҳод кардан мумкин аст. Материали иловагие, ки тасвири арзшударо моҳиятан тағйир медиҳад, қабул карда намешавад. Эътироз: арзномадеҳ метавонад эътирозро аз рӯи қарори манфи ба Шӯрои Эътирозии Идораи Патентӣ баъди санҷиши пурра дар муддати ду моҳ пешниҳод кунад.

## 5. ДОДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ НИГАҲБОН

Нашркунӣ: маълумот оиди бақайдгирии нишони молӣ дар Реестри Давлатӣ дохил карда шуда дар Хабарномаи расмӣ дар муддати шаш моҳ аз рӯи бақайдгирӣ нашр карда мешавад. Мӯҳлати эътибор - дарозкунӣ: даҳ сол; ба даҳ соли дигар барқарор карда мешавад. Ҳуқуқи фавқулодда: истифодаи нишони молии бақайдгирифташуда ба дорандаи он тааллуқ дорад. Зарурияти истифодабарӣ: ҳатмӣ. Истифодабарии номиналӣ: реклама, нашри нишонҳои молӣ дар нашрияҳои даврии Тоҷикистон, ва ё тақдимкунии молҳо бо нишонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад истифодашаванда ба ҳисоб равад, агар истифодабарии ҳақиқӣ вуҷуд надошта бошад. Лицензия: Созишномаи лицензионӣ бояд дар Идораи Патентӣ ба қайд гирифта шавад. Азнавгузашткунӣ: бояд ба қайд гирифта шавад.

## 6. ТАҒЙИРИ ҲИМОЯ БАЪДИ БАҚАЙДГИРӢ

Ҳуқуқи бармаҳал истифодабаранда: танзим карда намешавад. Бекоркунӣ: Ҳар як шахси манфиатдор метавонад эътирозро ба бақайдгирии нишони молӣ дар муддати тамоми давраи эътибораш пешниҳод кунад, агар шартҳои муқараршудаи бақайдгирӣ иҷро нашуда бошад. Вайронкунии патент;

ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ. Қонунан беэътибор донистани нишони молӣ: нишони молии мӯҳлатгузашта дар муддати се сол аз рӯзи баохиррасии ҳимояаш ба номи фарққунандаи аз дорандаи гузаштааш, арз карда намешавад; ин инчунин ба ҳолате дахл дорад, ки агар доранда аз ҳуқуқ ба нишони молӣ то баохиррасии мӯҳлати бақайдгириаш даст кашад,

## V. НАМУНАҲОИ САНОАТӢ

1.ҚОНУНГУЗОРӢ

Дастури Мувaққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди Ихтироот, Моделҳои Судманд ва Намунаҳои Саноатӣ, ки 2 феврали соли 1994 тасдиқ карда шудааст.

2. ИШТИРОК ДАР ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

- Созишномаи Париж, аз 14 феврали соли 1994.
- Шартномаи Локарн, аз 14 феврали соли 1994.

3. ДОДАНИ АРИЗА

Арзномадеҳ: шахсони воқеӣ ва е ҳақиқӣ. Арзномадеҳони хориҷӣ: бояд намояндагони патентиро таъин кунанд (Дастури мувaққатӣ оиди Намояндагони патентӣ, фармони № 73 Вазорати Иқтисод  30 маи соли 1996): ҳуқуқҳои баробарро бо арзномадеҳони миллӣ доранд. Қобилияти патентнокӣ: намунаҳои саноатӣ (ва ё маҷмӯи онҳо), агар онҳо нав, ҳақиқӣ буда дар саноат истифода бурда шаванд. Навоварӣ: ҷаҳонӣ Ба қайд гирифта намешаванд: намунаҳои саноатие, ки  танхо функцияхои техникии сохтахо маънидод шудаанд, объектҳои меъморӣ ғайр аз шаклҳои хурди меъморӣ; объектҳои шаклҳои ноустувори моддаҳо дар ҳолати  моеъ, газӣ, реза; сохтаҳои зидди қоидаҳои одамгарӣ ва одобу ахлоқ буда. Аввалият: мувофиқи Созишномаи Париж -6 моҳ. Қаламрави паҳн кардашуда; Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ (ба намояндаи патентӣ барои додани ариза фиристода мешавад).

1. Арзнома
2. Фотосуратҳо ва ё нақшаҳо.
3. Тавсифи намунаи саноатӣ бо тарҷума ба забони тоҷикӣ ҳфорсӣ] ва е забони русӣ.
4. Ҳуҷҷатҳо оиди аввалият, агар он арз шуда бошад.
5. Боваринома, (тасдиқи нотариалӣ талаб карда намешавад).
6. Ҳуҷҷатҳо оиди пардохти боҷ.

4. ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

Санҷиш: санҷиши пешакӣ ва пурра (аз рӯи моҳият) ҳамчун санҷиши ихтироот гузаронида мешавад. Илова ва ислоҳот: мумкин аст , аммо бояд дар муддати 12 моҳ пешниҳод карда шавад. Нашркунӣ: баъди бақайдгирӣ дар Реестри давлатӣ

баъди пардохти боҷи муқараргардида дар Хабарномаи расмӣ нашр карда мешавад.

5. ДОДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ НИГАҲБОН
Додани ҳуҷҷатҳои нигаҳбон: дар муддати шаш моҳ аз рӯзи қабули қарор. Эътибори патент: 10 сол аз рӯзи пешниҳоди ариза. Дарозкунӣ: илова бар ин панҷ сол. Ҳуқуқҳои лицензионӣ, мубоҳиса ва бекоркунӣ: бо ҳамон тарзе мисли патентҳо барои ихтироот танзим карда мешавад.

## VI. НОМИ ҶОИ ПАЙДОИШИ МОЛ

1. ҚОНУНГУЗОРӢ
Низомномаи муваққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қайди номи ҷои пайдоиши мол ва пешниҳод кардани ҳуқуқи истифода аз он, ки 20 феврали соли 1994 таҳти N 160 тасдиқ шудааст.
2. ИШТИРОК ДАР СОЗИШНОМАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ
— Конвенсияи Париж оиди ҳифзи моликияти саноатӣ аз 14 феврали соли 1994.
3. ПЕШНИҲОДИ АРЗНОМАҲО
Арзномадеҳ: як е якчанд шахси воқеӣ е ҳуқуқӣ; бақайдгирӣ мумкин аст ба ҳар як шахси воқеӣ е ҳуқуқии дигар, ки дар ҳамон объекти ҷуғрофӣ ҷойгир асту истеҳсолкунандаи мол бо ҳамон хусусиятҳои зикркарда мебошад, пешниҳод карда шавад. Арзномадеҳони хориҷӣ: бояд гумоштаи патентиро таъин намоянд; бо арзномадеҳони миллӣ ҳуқуқҳои баробар доранд. Номи ҷои пайдоиши мол эътироф карда намешавад: аломатҳое, ки дар худ номи объекти ҷуғрофиро ифода мекунанду дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодаи умум ҳамчун аломатҳои моли намуди маълум дохил нагардидаанд ва бо ҷои истеҳсоли он алоқаманд нестанд.
Ҳуҷҷатҳои зарурӣ:

1. Арза
2. Нишони арзшуда
3. Намуди мол бо нишон додани ҷои истеҳсоли он (ҳудуди объекти ҷуғрофӣ).
4. Хулосаи органи салоҳиятдор дар бораи он, ки арзадеҳ дар объекти ҷуғрофии нишондода ҷойгир аст ва молеро истеҳсол мекунад, ки сифатҳои он дар як вақт аз рӯи шароитҳои табиӣ ва омилҳои мардумии ба он хоси ҳамон объекти ҷуғрофӣ муайян карда мешаванд.
5. Тавсифи хусусиятҳои хоси мол
6. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқ ба номи ҷои пайдоиши моли арзшуда дар сарзамини пайдоиши мол ( барои арзадеҳони хориҷӣ).
7. Боварихат (тасдиқи нотариалӣ талаб карда намешавад)
8. Ҳуҷҷат дар бораи супоридани боҷ.

4. ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ
Санҷиш: пешакӣ ва санҷиши нишони арзшуда. Санҷиши пешакӣ: дар мӯҳлати ду моҳ аз рӯзи ворид шудани арзнома ба Идора гузаронида мешавад; тафтиши мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки ба талаботҳои муқарраркарда мувофиқанд ва қабули қарори муносибро дар худ ифода мекунад. Санҷиши нишони арзшуда: тафтишро, бинобар мувофиқият ба талаботҳои Низомнома пешбиникарда ифода менамояд. Иловаҳо ба арзнома: иловаҳое, ки арзномаро

моҳиятан тағъир намедиҳанд метавонанд дар давоми ду моҳ аз рӯзи ба Идора ворид шудани арзнома пешниҳод шаванд. Апеллятсия (норозигӣ): дар сурати розӣ набудан бо қарори санҷиш арзадеҳ ҳақ дорад, ки дар давоми се моҳ аз рӯзи гирифтани чунин қарор ба Шӯрои додрасӣ муроҷиат намояд.

5. ДОДАНИ ҲУҶҶАТИ ҲИФОЗАТӢ

Нашр: ахбор оиди бақайдгирии номи ҷои пайдоиши мол ва додани ҳуқуқи истифода аз он ба Феҳристи давлатӣ дохил карда мешавад ва дар мӯҳлати шаш моҳ дар Бюллетени расмӣ нашр карда мешавад. Бакайдгирӣ: бемӯҳлат амал мекунад. Мӯҳлати эътибор — дарозкунии шаҳодатнома: даҳ сол. Истифодабарӣ: ҳатмӣ. Литсензияҳо: ҳуқуқи додани литсензия барои истифодабарӣ ба шахсони дигарро надорад.

6. ТАҒЪИРИ ҲИФОЗАТ ПАС АЗ БАҚАЙДГИРӢ

Қатъи ҳифозат: бақайдгирӣ бо вайрон кардани талаботҳои Низомнома пешбиникарда ба амал баровaрда шудааст; бо гум шудани шароитҳои табиии ба ин объекти ҷуғрофӣ хос; бекоркунии бақайдгирӣ; барҳам хӯрдани шахси ҳуқуқӣ. Ҷавобгарӣ: граждaнӣ — ҳуқуқӣ.